Протоколи №13-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-122-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 15-уми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №84/шд тасдиқ шудааст, 16 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Шодиён Фархунда Тоҷиддин** дар мавзуи **«Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Сафаров Умархоҷа Раҳимович**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи коршиносон.

БАРОМАД НАМУДАНД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор, академики АМИТ Раҳмонзода А.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Шодиён Фархунда Тоҷиддин дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-этетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири Эрон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Рачабова Марҳабо Тӯхтасуновна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Раҳмонов Равшан Қаххорович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.